«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**
**_________________Сафарзода Д.Ҷ.**
**«__03__» __ноябри________2025 с.**

**ХУЛОСАИ**

**кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон” аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ**

Диссертатсияи номзадии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02. – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод соли 2013 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиноси байналхалқӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Акадкмияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 марти соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқойсавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул

шуда, баъдан дар асоси фармоиши ректори Академияи идоракунии давлатӣ аз 10 майи соли 2024, №94-У/И ба кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академия интиқол ёфта, онро бояд то 10 марти соли 2026 хатм намояд.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2022, №10/16 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 15 ноябри соли 2024, №1242 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2025, №3 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети

ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҶТ» барои солҳои 2021-2025 алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳкикот дар он аст, ки маводи диссертатсия доираи фаҳмиши илмии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки роҳҳои асосии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ муайян кард.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси омӯзиши

васеи маводҳои илмӣ ва таҷрибавӣ, таърихи пайдоиш ва инкишоф, танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намуда, тавассути татбиқи шаклҳои гуногуни ҳокимият муайян намуда, барои такмили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намудааст.

Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб ҳафт зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3, 31 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Зоир Ҷ.М. Зуҳурзода Ш.Д. Сиёсати ҳуқуқии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мактаби умумиҷаҳонии сулҳ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, Ш.Д. Зуҳурзода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/1 (53). – С. 111-124; ISSN 2664-0651.

[2–М]. Зуҳурзода Ш.Д. Тақвияти мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2. – С.141-149; ISSN 2305-0535.

[3–М]. Зуҳурзода Ш.Д. Динамика законодательного обеспечения суверенитета государств на постсоветском пространстве: (опыт Таджикистана) [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №2 (62). – С. 196-205; ISSN 2664-0651.

[4–М]. Зуҳурзода Ш.Д. Асосҳои ҳуқуқи конститутсионии бунёди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 127-135; ISSN 2414 9217.

## II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:

[5-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе, 2021. – С. 105-109.

[6-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Нақши Пешвои миллат дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалӣ. – Душанбе, 3 декабри соли 2022. – С. 211-220.

[7-М]. Зухурзода, Ш.Д. Правовая природа парламентаризм Таджикистана в условиях государственной независимости» [Текст] / Ш.Д. Зухурзода // Конституция – основа развития эффективной системы государственного управления: материалы республиканской научно-теоретической конференции (1 ноября 2023 года). – Душанбе, 2023. – С. 129-145.

## Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон” аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 30 октябри соли 2025, №3

**Раисикунанда:**
мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Рустамзода Ҷ.Ю.

**Котиби ҷаласа:**
Мутахассис-коргузор — Мардонзода М.М.

Имзои Рустамзода Ҷ.Ю. ва Мардонзода М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Насурдинзода А.М.
«30» октябри 2025 с.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ